# ФАЗИЛАТИ ШАБИ ҚАДР ВА ДАҲҲАИ ОХИРИ МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН

Муаллиф: Шайх Абдуллоҳ Ҷибрин

Аз арабӣ тарҷумаи:
Муҳаммадиқболи Садриддин

Душанбе-2006 Матбааи «Суннатулло»

فضل

# ليلة القدر

# و العشر الأواخر

تأليف:

العلامة الشيخ عبد الله بن عبد الرحمن الجبرين

صححه و أعده للنشر الفقير لعفو ربه

محمد بن حمد المنيع

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

# Пешгуфтор

**Ба номи онки дил кошонаи ӯст,**
**Нафас гарди матоъи хонаи ӯст.**

Салом ба Рамазон - моҳи зиёфати Илоҳӣ. Салом ба рӯзадорони ин моҳ, ки хобашон ибодату нафасҳояшон тасбеҳ аст ва салом ба шаби Қадр, ки беҳтар аз ҳазор моҳ аст.

**Моҳи Рамазон шуд маю майхона вар-уфтод,**
**Ипқу тарабу бода ба вақти саҳар уфтод.**

Моҳи Рамазон моҳи меҳмонии Худост. Ҳар кас худро барои ин меҳмонӣ беҳтар омода карда бошад, аз хони густӯрдаи лутфу карами Илоҳӣ бештар баҳраманд хоҳад шуд. Ҳар кас дар ин меҳмонӣ муаддабтару оростатар бошад соҳибхона ба ӯ лутфу навозиши бештар хоҳад дод.

Дар ривоят омадааст, ки «Дарҳои осмон дар шаби аввали моҳи Рамазон кушода мешавад ва то охирин шаби ин моҳ баста намешавад». Рамазон моҳи дуъову ибодат асту баҳори Қуръон. Тамоми рӯзҳо ва лаҳза-лаҳзаҳои ин моҳ муборак аст, аммо дар ин моҳ шабе вуҷуд дорад, ки онро «қалби моҳи Рамазон гуфтаанд ва он шаби Қадр аст.

Шаби Қадр шабе аст, ки дар тамоми сол шабе ба бузургӣ ва фазилати он намерасад, Хусусиятҳои ин шабро, ки сабаби бузургӣ ва мубораки он шудааст, метавонем чунин ном барем:

1. Қуръон дар ин шаб бар Паёмбар (с) нозил шудааст. «Инно анзалноҳу фи лайлатил Қадр».  Гуфта шудааст, ки тамоми китобҳои осмонӣ дар ҳамин шаб бар паёмбарон нозил шудаанд.
2. Ҳар амали хуб ва тоъату ибодате, ки дар ин шаб анҷом шавад бо амал ва ибодати ҳазор моҳ баробар аст. «Лайлатул Қадри хайрун мин алфи шаҳр».
3. Малоикаҳо ва Руҳ (Ҷибрил), ки аз малоики мукарраби илоҳӣ аст фуруд меоянд ва бо худ хайру салому раҳмати Илоҳиро ҳамроҳ доранд ва то субҳ ба назораи шабзиндадорон менишинанд.

«Таназзалул малоикату ва-р-руҳу фиҳо би изни раббиҳим мин кулли амр».
4. Ин шаб аз аввал то охир салом аст, саломе аз Худо ва фариштагон. «Саломун ҳия ҳатто матлаъил фаҷр».
Ҳамаи рӯзадорони моҳи Рамазон худро барои шабзиндадории ин шаб омода сохта, дар интизори он лаҳзашуморӣ мекунанд.

## Шаби Қадр кадом аст?

Борҳо аз Паёмбар (с) пурсиданд, ки кадом шаби моҳи Рамазон шаби Қадр аст? Вале он бузургвор ҳаргиз шаби муайянеро ном набурдаанд. Фақат ҳаминро зикр намудаанд, ки «Шаби Қадрро дар шабҳои тоқи даҳҳаи охири моҳи Рамазон ҷустуҷӯ кунед». Шояд ҳикмати номуайян будани ин шаб он бошад, ки рӯзадорон барои дарки он дар чанд шаби охири моҳи Рамазон шабзиндадорӣ кунанд ва раҳмату лутфи Худоро бештар ба даст оваранд.

**В-ар насӯзӣ то саҳар ҳар шаб чу шамъ,**
**Тӯҳфа кау накди саҳаргоҳат кунанд?**

Худи Расули акрам (с) дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон ҷойгоҳи хоби худро ҷамъ намуда, дар масҷид ба эътикоф менишастанд.

**Дар ин шаб чӣ кунем:**

Халқ бихуспанд, вале ошиқон,
Ҷумла шабон қиссакунон бо Худо.

Модоме, ки шаби Қадр ин ҳама фазилату баракат дорад, мӯъмини зирак аз ҳар лаҳзаҳои он барои расидан ба савоби илоҳӣ истифода мекунад.
Барои шабе, ки умед меравад шаби Қадр бошад аъмоли фаровоне зикр шудааст, ки ҳар кадом фазилати савоби зиёде доранд:

**1. Ғусл.**

Мустаҳаб аст, ки наздикиҳои ғуруби офтоб ғусл намоӣ.

**2. Хондани намоз.**

Агар ба қибла рӯ кунам, ба ишқи рӯи Ӯ кунам.
Иқоми салотро ба гуфтугӯи Ӯ кунам.

**3. Шабзиндадорӣ**, ки Паёмбар (с) фармуд: «Ҳар кас аз рӯи имон ва барои расидан ба савоби Илоҳӣ шаби Қадрро ба ибодат бигзоранд, гуноҳони гузаштааааш омӯрзида мешавад».

**4. Тавбаву истиғфор.**

Аз сидқи дил аз гуноҳҳои худ пушаймонӣ кунем ва аз Худо омӯрзиш биталабем, ки Ӯ бисёр тавбапазир аст:

Ин даргаҳи мо даргаҳи навмедӣ нест,
Сад бор агар тавба шикастӣ боз ой.

**5. Тиловати Қуръон.**

То метавонем Қуръон бихонем, ки дилҳоро равшанӣ мебахшад.
Агар дилдодаи аҳли вафоӣ,
Агар аҳли сафои Мустафоӣ.
Биё то рӯзу шаб Қуръон бихонем,
Ки дил гирад зи нураш рӯшноӣ.

**6. Дуъо.**

Барои падару модар ва барои ҳамаи мӯъминон дуъо кунем. Дуъо мағзи ибодат аст ва Худованд фақат ба хотири дуъо ба мо назар мекунад. Ӯ худ фармудааст: «Маро бо дуъо бихонед, ман дуъои шуморо иҷобат мекунам».

Эй Худои поку беанбозу ёр,
Даст гиру узри моро во гузор.
Ёд деҳ моро суханҳои дақиқ,
То ба раҳм орад туро он, эй шафиқ.
Ҳам дуъо аз ту, иҷобат ҳам зи ту,
Эминӣ аз ту, муҳаббат ҳам зи ту.

Овардаанд, ки ҳазрати Фотима (р) аҳли хонаи худро пешакӣ барои шаби Қадр омода мекарданд ва шаби Қадр ҳамаро бедор нигаҳ медоштанд ва ба онҳо каме ғизо медоданд, то хобашон набарад. Он ҳазрат фармудаанд: «Маҳрум касе аст, ки аз хайри ин шаб маҳрум бимонад».

Аз Худованди маннон мехоҳем, то моро аз ҷумлаи рӯзадорони воқеъй бигардонад ва тавфиқи шабзиндадориву ибодату дуъоро дар шаби Қадр насибу рӯзии мо кунад.

Худоё чунон кун, ки поёни кор,
Ту хушнуд бошиву мо растагор.

Мукаррами Самадӣ

## Ба номи он ки ҳастӣ ном аз Ӯ ёфт.

Ҳамду сано Аллоҳ таъолоро, ки иззатдиҳандаи шахсонест, ки итоъати ӯро ба ҷо меоранд ва хору залил гардонандаи шахсонест, ки мухолифат ва нофармонии амри Ӯро мекунанд. Ҳамд ва шукр мегӯем ӯро бар он чи ки бар мо меорад аз шириниву талхӣ. Шаҳодат медиҳем бар ин, ки нест маъбуде ба ҷуз Аллоҳ ва нест парвардигоре барои мо ғайр аз Ӯ, ва шаҳодат медиҳем бар ин, ки Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи Ӯст ва бузургтарин шахсест, ки парвардигорашро парастидааст. Дуруду саломи бепоён бар олу асҳоб ва пайравони ӯ бод.
Аммо баъд дар мавзӯъи даҳ рӯзи охири рамазон ва он амалу ибодате, ки Паёмбар (с) хусусан дар ин моҳ анҷом медод на дар ғайри он: монанди зиндадории тамоми шаб, бедор намудани аҳлаш, кӯшишу ҷаҳд дар анҷоми амалҳои нек, хурдани он чи бештар қувватбахш аст, ва он чи ки ба фазилати ин шабҳо далолат мекунад аз риъояи тозагӣ, ғусл намудан, хушбӯӣ кардан, пӯшидани либосҳои беҳтар, ҳамроҳ бо кӯшиши зиёд бар анҷоми амалҳои солиҳ аз намозҳои таҳаҷҷуд, нафл, зикр, дуъо, қироати Қуръон, ва фориғ гардидан барои ибодат ва қатъи алоқа аз дунё ва аҳли он.
Ба ростӣ, ки бештари мардуми мо аз манофеъи хеш ғофиланд ва шабҳояшонро ба гуфтугузорҳои бефоида ва сайругашт дар хиёбонҳо ва нишастан дар нишастгоҳҳо мегузаронанд. Мақсад аз гуфтаҳои боло огоҳ намудани шахсонест, ки ин мавсими бузургро зоеъ мекунанд. Худованд худ ҳидояткунанда аст ба роҳи рост ва дуруду салом бар Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод!

## Фазилати рӯзхо ва шабҳои моҳи Рамазон

Ҳамду сано Худовандро ва дуруду салом бар Расули Ӯ ва ёрону пайравонаш бод!
Ба таҳқиқ рӯзҳо ва шабҳои моҳи Рамазон қадру манзалати бузурге доранд. Яке аз фазилатҳои ин моҳ ин аст, ки амалҳо дар ин шабу рӯз дучанд мегарданд ва гуноҳу хатоҳо бо анҷом

додани амали нек, ки сабаби наздик шудан ба Худост, бахшида мешаванд. Агар чизе аз фазилати ин моҳ, фазилати даҳ рӯзи охири он, фазилати қироати Қуръон ва монанди онро баён кунем, мувофиқи матлаб аст. Ҳамаи ин ба фазлу карами Худованд муқаррар ва маълум аст ва натиҷаи донистани фазоил боиси бештар шудани амал мегардад.

Ҳар вақт медонем, ки ин беҳтарин моҳ аст натиҷа бояд чунин бошад, ки дар ин моҳ барои касби савоб кӯшиши бештар намоем.

Ҳар вақто фахмидем, ки даҳ рӯзи охири ин моҳ беҳтарини рӯзҳо ва шабҳо ҳастанд бояд чунин бошад, ки мо дар ибодат кӯшиши бештаре дошта бошем ва ин вақти қимати худро зоеъ нагардонем. Ин натиҷаи донистани фазилатҳо аст. Пас ба таҳқиқ самараи маърифат ва дониш, амал аст.

## Он чи дар даҳҳаи охири рамазон мустаҳаб аст

Дар даҳҳаи охири рамазон панҷ чиз мустаҳаб аст:

1. Зинда доштани ҳамаи ин даҳ рӯз;
2. Зиёд кӯшиш намудан дар ин рӯзҳо;
3. Изҳор намудани қувват дар итоъат;
4. Дурӣ ҷустан аз шаҳват ва лаҳзатҳои нафсонӣ дар ин рӯзҳо;
5. Эътикоф нишастан.

Дар даҳҳаи охир бар ин панҷ чиз таъкид шудааст.

## Зинда доштани шабҳо дар даҳҳаи охири рамазон

Хислати авввал ин зинда доштани шабҳо аст ва далел бар он амали Паёмбар (с) мебошад. Дар «Саҳеҳ»-и Бухорӣ аз Оиша (р) ривоят шудааст: « Чун даҳҳаи охири рамазон фаро мерасид Расулуллоҳ (с) шабҳоро зинда дошта, хонаводаашро бедор мекард ва бисёр кӯшишу ҷиддият менамуд.

Инчунин дар ҷои дигар аз модарамон Оиша (р) ривоят шудааст, ки: «Расулуллоҳ (с) бист рӯзи ибтидои рамазонро бо намозгузорӣ ва хобу истироҳат мегузаронид чун даҳҳаи охир фаро мерасид, дар он кӯшишу ҷиддият менамуд».

Дар ҳадиси дигаре омадааст:

«Расули акрам (с) чун даҳҳаи охири рамазон фаро мерасид ҷойгоҳи хобашро ҷамъ карда яксӯ мегузоштанд».

## Қишрҳои гуногуни мардум дар зиндадории шабҳои даҳҳаи охир

Дар зиндадории шабҳои даҳҳаи охир мардумро метавон ба чаҳор гурӯҳ тақсим намуд:
Қисме аз мардум шабҳои даҳҳаи охирро бо тоъату ибодат зинда медоранд.
Қисми дигар ба корҳои дунявӣ машғуланд;
Қисми саввум бо машғул шудан ба лаҳву лаъб (бозию, қимор ва монанди он) саргарм мебошанд;
Қисми чаҳорум ин шабҳои нотакрорро бо содир намудани гуноҳ мегузаронанд.

**Қисми аввал: касоне, ки шабҳояшонро бо тоъату ибодат зинда медоранд.**

Ин мардум касоне ҳастанд, ки шабҳояшонро бо хондани намоз, ки қиёму рукуъу суҷудашон тӯлонист зинда медоранд ва пайравӣ аз Паёмбар (с) мекунанд. Паёмбар (с) дар ин шабҳо намозашро бисёр тӯлонӣ менамуд. Дар ҳадисе омадааст:
«Эшон шабе бо баъзе аз ёронаш намоз гузорид то андозае, ки аз фавт шудани намози саҳар бим намуданд».
Инчунин ривоят аст:
«Боре Паёмбар (с) ҳамроҳи Ҳузайфа намоз гузорид ва дар як ракъат се сураро хонд. Тамоми сураи «Бақара», сураи «Нисо» ва сураи «Оли Имрон», ҳамаи инро бо тадаббур мехонд ва ҳангоми тиловати ояти раҳмат меистод ва аз Худованд талаб менамуд ва дар лаҳзаи тиловати ояти азоб меистод ва ба Худованд паноҳ мебурд. Танҳо ду ракъат хонда буд, ки Билол омада, эълони намоз кард».
«Дар ривояте чахор ракъат хонда буд, ки Билол омад».

Ин ривоятҳо далел барои зиндадоштани шабҳои ахир аст. Мусалмонон ба ин шабҳо аҳамият дода, дар анҷоми ибодат кӯшиши зиёде менамоянд, ки бешак он намунаи пайравии эшон аз суннати паёмбарамон (с) мебошад.

Дар китобҳои сирати солеҳон боре хонда будам, ки мардум дар Бухоро тамоми шабҳои даҳҳаи охирро ба намозхонӣ обод мекарданд. Эшон даҳ ракъат намоз мегузориданд, ва дар он якуним ҷузъ мехонданд баъд аз он ним соат истироҳат карда, боз чаҳор ракъат, ки якуним соат ва ду - се ҷузъро дар бар мегирифт, мехонданд. Баъд аз он боз истироҳат карда, шаш ракъат намоз мегузориданд, ки дуюним - се соат ва сеюним - чор ҷузъро дар бар мегирифт. Баъд аз он истироҳат намуда, намози вақтро мехонданд. Ба ҳамин шакл шаби онҳо бо пуррагӣ бо намоз мегузашт ва ин иқтидо ба асҳоби (р) мебошад. Саҳобагони киром (р) дар шабҳои рамазон бисту се ракъат намоз мегузориданд.

Баъзе аз эшон ва аз тобиъийн тавре, ки назди имом Молик аст сиву шаш ракъат намоз мегузориданд.

Назди имом Шофеъи намози шаб дар рамазон бист ракъат аст. Чаҳор ракъат гузорида, панҷ - даҳ дақиқа истироҳат мекунад ва бо ҳамин шакл давом медиҳад. Ба ҳамин сабаб онро «Таровиҳ» номиданд, зеро баъд аз ҳар чор ракъат истироҳат мекунанд. Ҳамин гуна амалҳо дар ҳақиқат шабзиндадорӣ дар ибодат аст.

## Зинда доштани шаб бо тиловати Қуръон

Инчунин шабзиндадорӣ намудан бо тиловати Қуръон дар зиндадоштани ин шабҳо дохил мешавад. Баъзе аз шахсоне ҳастанд, ки ба қадри тавоноиашон намоз мегузоранд баъд аз он дар ҳалқаҳо ҷамъ омада, дар масҷид ё хонаи якеашон ба қироати Қуръон мепардозанд. Дар ҳадис собит шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд:

Ҳар қавме дар хонае аз хонаҳои Худо ҷамъ биоянд, то китоби Худоро тиловат кунанд ва онро биомӯзанд барояшон оромиш ва сукун фуруд омада, раҳмат онҳоро мепӯшонад ва малоик иҳота менамоянд ва Худо онҳоро дар ҷамъи касоне, ки дар назди Ӯ меоянд ёд мефармояд».

Ҳар вақто, ки ҷамоъати даҳ ё бист нафара ҷамъ оянд ва тиловат кунанд, ё як нафар аз миёнашон Қуръонро тиловат кунад ва боқӣ гӯш кунанд ё навбат ба навбат як микдори муайян ҳар кас бихонад ва ё бо ҳамин шакл

амал кунанд ин мувофиқи фармудаи он ҳазрат (с) хоҳад буд, ки эшон китоби Худоро меомӯзанд ва қироат мекунанд ва бо тоъату ибодат шабзиндадорӣ мекунанд.
Инчунин ҳар вақто шабро ба омӯхтани илм ё омӯзондани он сарф кунанд ин ҳам аз ҷумлаи зиндадории шабҳо дар тоъату ибодат хоҳад буд. Он касоне, ки ин шабҳоро ғанимат шумурда, аз он истифода бурданд ва зоеъ нагардониданд рӯзи қиёмат Худованд онҳоро барои ин вақтҳо ва лаҳзаҳои пурқиммат муҳосаба намекунад.

**Қисми дуввум: касоне, ки шабзиндадорӣ дар касби мол мекунанд**

Ин қисми аз мардум касоне ҳастанд, ки шабҳояшонро дар касб ва зиёд намудани мол ва тиҷорат дар коргоҳу бӯстонҳояшон сарф мекунанд. Пас, онҳо як навъ фоидае ба даст меоранд, лекин фоидаи гузаро ва дунявӣ, ки барои онҳо шояд қимматтар ва беҳтар аз он чи бошад, ки аҳли масҷид ва аҳли қироат ба даст овардаанд, лекин дар ҳақиқат онҳо ҳасорат ва зарари зиёд диданд, ки бештар аз фоидаашон аст. Пас, ҳар вақто эшон аз аъмоли ухравӣ рӯй гардонанд ва ба таври куллӣ ба дунё ва матоъи он рӯй биёваранд эҳтимоли зиёд аст, ки ба ин ваъиди Худованд гирифтор шаванд:
Каломи Худованд:

**«Ҳар, ки хоста бошад зиндагонии дунё ва таҷаммули он ба тамом мерасонем ба сӯи ин ҷамоъа ҷазои аъмоли эшонро ба дунё ва эшон дар ин чо нуқсон дода нашаванд. Ин ҷамоъа ононанд, ки нест эшонро дар охират, магар оташ ва ботил шуд дар охират он чи карда буданд ва нобуд аст он чи ба амал меоварданд».**

Ин оят дар бораи касонест, ки дунё ва матоъи онро аз ҳама чиз ба худ беҳтар доништа, барои охираташон амале анҷом надоданд ва мақсаду фикри худро ҳамагӣ ҳосил намудани матоъи дунё гардонидаанд, монанди ин ки он маъбудашон бошад.
Пас, метавон гуфт, ки чунин шахс обиди дунё ва обиди пулу моли он аст ва ҳалокате, ки дар ҳадиси Паёмбар (с) омадааст бар ӯ мутаҳаққиқ мешавад.

***«Ҳалок бод бандаи динору дирҳам ва бандаи қатифа ва хамиса» (қатифа чодарро гӯянд ва хамиса гилеми сиёҳи чоркунҷаро гӯянд).***
Аммо, агар амали охират аз вай фавт нашавад, ба қадри имконияташ намоз гузорад ва аз зикр ғофил набошад, ва як ҳиссае аз Қуръон тиловат кунад, монанди ин амалҳо барои ӯ фоидаовар хоҳад буд, гарчанде фоидаи бузургро ба даст наовардааст.

**Қисми саввум: касоне, ки шабҳояшонро бо корҳои хато ва беҳуда мегузарониданд.**
Қисми саввум мардуме ҳастанд, ки шабзиндадорӣ мекунанд, аммо дар корҳои бефоида ва хато. Дар хонаҳояшон гирди ҳам омада, гуфтугузорҳо барпо намуда, ба факкохию хандаву ҳазлгӯӣ мепардозанд, ҳатто кор ба ҷое мерасад, ки бо ғайбату суханчинию номуси мардум ва монанди ин корҳои зишт чанг мезананд. Ҳамаи ин дар маҷолиси эшон вуҷуд дорад, аммо зикри Худо, қироати Қуръон ва омӯзиши дин вуҷуд надорад. Ба ҳамин шакл шабҳояшонро саҳар мекунанд, то рӯзона хоб раванд ва ин қасди эшон аст. Натиҷа чунин мешавад, ки ин гуна мардум аз ду амри савоб маҳрум мемонанд.
Онҳо бо намозгузорон ва аҳли зикр ва аҳли қироат мушоракат намекунанд. Инчунин бо аҳли дунё дар фоидаҳояшон иштирок наменамоянд, пас эшон аз ҳарду маҳруманд ва танҳо зиён ва хасорат мебинанд. Пас, ин гуна мардум на хайри дин ба даст мео ранд ва на хайри дунё, балки бо каломи бефоидаашон гуноҳ мегиранду бас.
Расули акрам (с) фармудааст:
Худованди маннон мефармояд:
**«Ба забои намеорад одами сухане, магар наздики ӯ нигаҳбонест муҳайё»**
(Сураи Коф, ояи 18)

*Каломи ибни Одам ба зарари ӯ навишта мешавад.*
Инчунин Паёмбар (с) мефармоянд:
*«Ҳар як сухани ибни Одам ба зарари ӯст, магар амр ба маъруф, наҳӣ аз мункар ва зикри Худованд».* Инчунин мазмуни ояте ворид шудааст, ки Худованди якто мефармояд:

**«Нест хубӣ дар бисёре аз машварати пинҳонии эшон, лекин хубӣ дар машварати касест, ки фармояд ба садақа ва ё кори писандида ё ба салоҳкорӣ миёни мардумон».**
(Сураи Нисо, ояи 114)

Ин гуна мардум гуфторашон бар зиёни онҳо навишта шуда, аз он пурсида мешаванд:
Чаро чунин гуфтӣ? Барои чӣ ин суханро гуфтӣ? Барои чӣ ин олатҳоро, ки Худо ба ихтиёри шумо дод, яъне забону гӯш дар тоъати Ӯ ва дар ризои Ӯ кор намефармудед? Барои ин суолҳо эшон ҷавоб намеёбанд.

**Қисми чаҳорум: касоне, ки шабҳояшонро ба машғул шудан ба маъсият ва иртикоби муҳаррамот мегузаронанд.**

Қисми чаҳорум, ки ал-ъаёзу биллоҳ, зиёданд ва Худованд зиёдашон накунад, касонеанд, ки ин шабҳои бузугро зидди тоъат мегузаронанд. Эшон шабашонро ба тамошои филмҳои фитнаангез, ки ба фисқу фасод даъват мекунанд ва филмҳои фаҳш мегузаронанд. Чунин филмҳо эшонро ба таманнову ҳаваси шаҳватҳои ҳаром шавқ медиҳанд, зеро шунидани мусиқиҳои фитнаангез ва тамошои филмҳои орӣ аз ахлоқи инсонӣ дар дили кас тухми ҳавас ва муҳаббати шаробу зинову фасодро мекорад ва оҳиста-оҳиста ба иртикоби чунин муҳаррамот оварда мерасонад. Бисёре аз ин мардум дар маҷлисҳояшон бидуни шунидани мусиқии бемаънӣ, мушоҳадаи суратҳои урён ва бидуни нӯшидани нӯшокиҳои ҳаром ва гуфтани суханҳои қабех лаззат намебаранд. Пас, эшон ду гуноҳ: тарки тоъат ва иртикоби гуноҳро бо ҳам ҷамъ мекунанд.
Монанди ин ашхос бо вуҷуди маҳрум монданашон аз баракати ин шабҳои бузург гунаҳкори азим мегарданд. Гоҳҳо бо касоне рӯ ба рӯ мегардем, ки эшон дар рӯзи Рамазон аз шароб мастанд, на рӯза мегиранд, на худро аз муҳаррамот дур месозанд. Сабаб ин аст, ки тамоми шаб чунин маъсиятҳоро мушоҳида мекунанд ба андозае, ки муҳаббати он дар дилашон ҷой мегирад ва онҳоро водор месозад, ки амалан он маъсиятро рӯзона анҷом диҳанд, бо ҳамин шакл рӯзаро, ки аз аркони ислом аст, тарк мекунанд ва байни гуноҳ ва тарки тоъат ҷамъ мекунанд. Аз Худо паноҳ металабем.

Ин буд, акшори мардуме, ки ин шабҳои муборакро бо салоҳдиди худ зиндадорӣ мекунанд, баъд аз мутолеъаи ин китоб шефтаи моҳи муборак гашта, аз баракти се даҳҳаи ин моҳи бузург худро бархурдор месозад.

## Ҷахду кӯшиш дар даҳ рӯзи охири Рамазон

Хислати дуввум, ки марбут ба ин шабҳост ин ҷаҳду кӯшиш дар ибодат аст. Дар ҳадиси Оиша (р) омадааст:
***«Паёмбар (с) ҳар вақто, ки даҳҳаи охири рамазон дохил мешуд шабҳоро зинда дошта, хонаводаашро бедор мекард ва бисёр кӯшиш ва ҷиддият менамуд».***
Ҷидду ҷахд гуфта, сарф намудани қувват ва кӯшиш дар тоъат ва анҷоми онро гӯянд, яъне сарф намудани он чи дар тавоноиаш ҳаст, то ин ки тоъату ибодат бо рағбату сидқу муҳаббат анҷом дода шавад. Ин талаб мекунад, ки инсон бояд аз худаш танбалӣ ва вазнинию нотавониро дур намояд. Ҷидду ҷаҳд дар чӣ кор бояд кард?
Ҷидду ҷаҳд дар намоз, яъне ба қадри тавоноияш намоз гузорад. Ҷидду ҷаҳд дар қироат ба ин маъно, ки ба андозаи тавоноиаш қироат намояд. Ҷидду ҷаҳд дар зикру дуъо ва аъмоли хайр ва таълиму тадрис. Баъзе амалҳое, ки ба бедорхобӣ ва пурҳаракат шудан кӯмак мерасонанд. Дар зимн баъзе сабабҳоеро, ки аз аҳли салаф (гузаштагон) ворид шудаанд ва ба ҳушёрии қалбҳо ва баданҳо ёрӣ мерасонад зикр менамоем:
Дар ҳадис ворид шудааст, ки
***«Расули акрам дар даҳҳаи ахири ҳар шаб баъд аз шом ва пеш аз хуфтан ғусл мекарданд»***, яъне байни шому хуфтан. Ғараз ва қасд аз ин ғусл ин буд, ки намоз бо оромиши бадан анҷом пазирад ва бо ором гаштани бадан қалб низ ором мегардад.

Паёмбар (с) ва асҳоби эшон дар ин шабҳо барои эҳтироми он зебоӣ мекарданд, пас беҳтарин либосҳояшонро мепӯшиданд ва ин амал бадан ва қалбҳояшонро ором месохт. Дигар амале, ки барои қувват ва осудагӣ ҳосил кардан анҷом медоданд ин хушбӯӣ кардани бадан ва дохили масҷид аст. Пас эшон атрҳо ва хушбӯиҳои соил истеъмол мекарданд, то ки инсон хушбӯ шавад, зеро малоикаҳо бӯи хушро дӯст медоранд ва аз бӯи бад дур мебошанд, чунки малоика аз он чӣ бани Одам азият мекашанд онҳо низ азияту озор меёбанд. Инчунин маҷлисҳояшонро хушбӯйй мекарданд.

Ингуна амалҳо ҳаракату осудагии бадан ва дилҳоро ба бор меорад. Вақто ки бадан ва қалб ором бошанд инсон ҳам пурҳаракат шуда танбал ва заъиф намешавад. Ҳангоме, ки бадан ором набошад қалби инсон заъиф мегардад ва аз ибодат малол мегардад ва танбалӣ мекунад. Бисёр шудааст, ки Аллоҳ таъолло ин навъ танбалӣ ва касалиро мазаммат кардааст, тавре ки Худованд дар сифати мунофиқон зикр кардааст:
**«Ва чунин мунофиқон сӯи намоз бархезанд ба коҳилӣ бархезанд».** Аз ҳамаи ин гуфтаҳои боло бармеояд, ки мусалмон бояд корҳоеро анҷом диҳад, ки он корҳо ибодату тоъатро ба Ӯ маҳбуб гардонад, қалбашро кушояд ва ба пуррагӣ рӯ ба тоъату ибодат орад.

## Мустаҳаботи даҳҳаи охир

Аз ҷумлаи амалҳое, ки дар ин шабҳо мустаҳаб аст ин бедор намудани аҳли хонавода аст. Паёмбар (с) тавре, ки дар ҳадиси Оиша (р) баён шуд дар ин шабҳо аҳлашро барои намозгузорӣ бедор менамуданд. Дар зери калимаи аҳл фарзандон ва занҳо дохил мешаванд. Пас, барои мусалмон мустаҳаб аст, ки аҳли оилаашро дар ин шабҳо ба хотири намозгузорӣ бедор кунанд ва фазли ин шабҳоро барояшон баён кунад.
Асҳоби киром (р) ҳатто дар ғайри рамазон аҳли оилаашонро бедор мекарданд. Умар (р) ҳар вақте, ки охири шаб фаро мерасид ҳамаи аҳлаш хурду калонро, ки тавоноии гузоридани намозро доштанд, бедор мекард ва ин фармудаи Худоро мехонд:
**«Бифармо касони худро ба намоз ва шикебой кун бар адои он».**
Оятеро, ки барои намозҳои фарз аст барои адои навофил ёдрас мекард меовард. Ин далел аст бар муҳаббати саҳоба ва салафи солиҳ ба корҳои хайр. Биноан, он чи гузаштагони мо мекарданд бар мо лозим меояд, ки занону фарзандонамон ва касонеро, ки дар зери сарпарастии мо ҳастанд, бедор намоем, то ин шабҳои бузургро, ки ҳамагӣ нӯҳ-даҳ рӯзанд ғанимат шуморем ва аз он истифода барем. Дар бедор намудани мард завҷаашро ва акси он Паёмбар (с) фармудаанд:
***«Худо раҳмат кунад мардеро, ки нисфи шаб бархоста, намоз мегузорад ва ҳамсарашро ҳам бедор мекунад ва агар мухолифат варзид ба рӯяш об мепошад ва Худо раҳмат кунад занеро, ки дар***

***шаб бархоста, намоз гузорида шавҳарашро бедор менамояд ва агар имтиноъ варзид ба рӯяш об мепошад».***

Дар ҳадиси дигаре омадааст:

***«Ҳар гоҳ марде хонаводаашро аз тарафи шаб бедор кард ва ҳарду намоз гузориданд дар қатори мардон ва заноне, ки Худоро ёд мекунанд, навишта мешаванд».***

Тавре ки маълум гашт, бедор намудани аҳли хонавода дар ин шабҳо фазилати бузурге доштааст.

## Эътикоф дар даҳҳаи охири рамазон

Хислати чаҳорум, ки дар ин рӯзҳо мустаҳаб аст ин эътикоф мебошад. Дар «Саҳеҳ»-и Бухорӣ омадааст:

«Паёмбар (с) дар даҳҳаи охир эътикоф менишаст, то ин ки вафот ёфт ва сипас ҳамсаронаш пас аз вай эътикоф нишастанд».

Эътикоф лозим донистани масҷид барои тоъати Худост. Мақсад аз эътикоф ин аст, ки мусалмон аз ҳамаи корҳои дунё фориғ шуда, дар масҷид ба тоъату ибодат машғул шавад ва аз он берун намебарояд магар дар ҳоли зарурате, ки ғайр аз баромадан чорае надошта бошад. Ҳамаи эҳтиёҷоташ мисли таъому об ва ғайра барояш дар масҷид оварда мешавад ва худ дар масҷид боқӣ мемонад. Ҳангоми дар масҷид буданаш аз мардум ва маҷлисҳои онҳо дурӣ ҷуста, гӯша гирифта, қалбашро барои ибодат фориғ месозад ва аз дунё ва машғулятҳои он робитаашро қатъ мекунад, то барои ибодат худро фориғ созад. Худованд эътикофро дар чандин оятҳо зикр намудааст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

**«Ваҳӣ фиристодем ба сӯи Иброҳим ва Исмоил, ки пок созед хонаи маро барои тавофкунандагон ва эътикофкунандагон ва рукуъу суҷудкунандагон».**

(Сураи Бақара, ояи 125)

Окиф ё муътакиф касест, ки барои ибодат нишастан масҷидро ба худ лозим гардонидааст.

Худованд дар ин бора мефармояд:

**«Ва мисос накунед занонро дар ҳоле ки муътакиф бошед дар масҷидҳо».**

Баъзе уламо эътикофро чунин сифат намудаанд: Эътикоф ин қатъ намудани алоқа аз халоиқ аст барои пайвастан ба хидмати холиқ ва ин таъриф сифати комили эътикоф нест, зеро эътикофи саҳеҳ ин лозим гирифтани масҷид барои машғул шудан ба тоъати Худованд аст ин ҳақиқати эътикоф аст.

Натиҷа ва самараи он қатъ намудани алоқа ба пуррагӣ аз мардум аст. Бо мардум наменишинад, балки аз ҳама чиз қалбашро фориғ намуда, ба итоъати Худованд машғул мешавад. Пас, ҳар вақто ки Худоро зикр кард ба қалбаш ва забонаш зикр мекунад, Қуръонро тиловат кард ба қалб ва забонаш тиловат карда, дар он тадаббур мекунад. Ҳар вақто ки дуъо кунад ва намоз гузорад холисона дуъо мекунад ва бо ҳузури қалб намоз мегузорад илова бар ин муътакиф бояд аз маъсият худро дур нигоҳ дорад, бояд бо мардум якҷо шуда, сухан нагӯяд, дашному тӯҳмату лаънат нагӯяд. Инчунин бояд аз шунидани суханҳои ботил ва мусиқиву лаҳву лаъаб худдорӣ кунад ва ба сӯи муҳаррамот назар наандозад, зеро ӯ дар масҷид аст ва масҷид маҳалли ибодат аст, на маҳалли маъсият. Бинобар ин муътакиф муҳаррамот ва ё сабаби онро набинад, ғайр аз таъому шароби зарурӣ чизе истеъмол накунад, аз масҷид берун наравад, ҳатто аёдати бемор ва рафтан аз пушти ҷанозаро низ тарк мекунад, чунки машғул буданаш ба ибодат барои ӯ муҳимтар аз умурест, ки он кифоя аст. Ин гуна эътикоф дар ин рӯзҳо мустаҳаб ва мандуб аст ва ҷонибҳои фиқҳии он дар китобҳои фиқҳ зикр шудааст.

**Лайлатулқадр сабаби бартарии ин шаб**

Баъд аз ошноӣ пайдо кардан бо хусусиятҳо ва амалҳое, ки дар ин рӯзҳо анҷом дода мешавад бамаврид хоҳад буд, ки сабабе аз сабабҳои фазилат ва бартарии ин шабҳоро баён кунем. Сабаби он вуҷуд доштани шаби Қадр дар миёни ин шабҳост. Паёмбар (с) дар ҳадисе, ки дар фазилати моҳи рамазон аст мефармоянд: ***«Дар ин моҳ шабест, ки беҳтар аз хазор моҳ аст касе ки аз хайри он махрум гашт ба таҳқиқ аз хайри зиёде махрум гаштааст».***

Аллоҳ таъоло донистани ин шабро аз бандагонаш махфӣ нигоҳ доштааст, то эшон дар шабҳои боқимонда низ ҷаҳду кӯшиш намоянд, зеро агар айнан он шабро медонистанд дар дигар шабҳо истироҳат мекарданд ва танҳо дар ҳамон шаб иҷтиҳод мекарданд ва тоъату ибодати зиёд барояшон ҳосил намешуд. Дар сурати махфӣ нигоҳ доштани шаби Қадр аз эшон ҳар шаб ба қадри имкон шабзиндадорӣ ва тоъату ибодат мекунанд ба умеде, ки шаби Қадрро дарёбанд. Бо ҳамин васила амалашон зиёд гашта, аҷру савоби бузурге ҳосил менамоянд.

## Суханони аҳли илм

## дар таъйини шаби Қадр

Аҳли илм дар муайян намудани шаби Қадр ихтилофи зиёде доранд. Соҳиби «Фатҳулборӣ суханони аҳли илмро дар ин мавзӯъ ба чиҳил расонидааст ва ҳамаи он тахминӣ аст. Баъзе аз уламо шаби бисту якумро ихтиёр намудаанд ба далели ҳадиси Расулуллоҳ (с):

«Ва инний раайту» такя мекунанд. Абусаъид ровии ҳадис, ҳадиси дигареро аз Паёмбар (с) истидлол менамояд.

Имом Шофеъӣ бинобар ин ҳадис шаби бисту якумро тарҷиҳ додааст. Бархи дигаре аз уламо шаби бисту сеюмро ҳамчун шаби Қадр ихтиёр намудаанд ва бар он истидлол карданд, ки Паёмбар (с) боре ба зиндадории ҳафт рӯзи охир ташвиқу тарғиб намуда фармуданд:

***«Чанд рӯз аз мо гузаштааст? Асҳоби киром гуфтаанд, ки бисту ду гузашту ҳашт боқӣ мондааст. Пас он ҳазрат фармуд, балки бисту ду гузашту ҳафт боқӣ монд, имшаб лайлатулқадрро ҷӯё шавед».***

Яъне шаби бисту сеюмро.

Гурӯҳи дигаре аз уламо шаби бисту чаҳорумро тарҷиҳ додаанд, чунки он аввалин шаби ҳафт шаби охир аст. Далелашон ин аст, ки ҳангоме он Ҳазрат (с) дид, ки бисёре аз ёронаш шаби Қадрро дар шаби охир мебинанд, фармуд:

***«Ман мушоҳида мекунам, ки хоби шумо дар ҳафт шаби охир иттифоқ афтода, пас он ки ҷӯяндаи он бошад мебоист онро дар ҳафт шаби охир ҷустуҷӯ кунад».***

Ҳафтаи охир аввалаш шаби бисту чаҳорум аст, агар моҳ пурра бошад.

Як иддаи дигаре аз уламо бар ин боваранд, ки лайлату-л-қадрро дар шабҳои витри (тоқи) даҳҳаи охир бояд ҷӯст, зеро Расули акрам (с)фармудаанд:

***«Ҷустуҷӯ кунед шаби қадрро дар шабҳои витри даҳҳаи охир».***

Витр ин шабҳои тоқи моҳро мегӯянд пас, шахсе ки онро нисбат ба гузашта ҳисоб кунад, дар ин сурат шабҳои витр шаби бистуякум, бистусеюм, биступанҷум, бистуҳафтум ва бистунӯҳум мебошад. Аммо агар нисбат ба боқимондаи моҳ хисоб кунем дар ин сурат шаби охир шаби бистуҳаштум, шаби бистушашум, шаби бистучаҳорум ва шаби бистудуюм мебошад. Бинобар ин ҳамаи шабҳои даҳҳаи охир маҳалли ҷустуҷӯ ва талаби шаби Қадр ҳастанд. Орзумандам онро дармеёбед.

## Бартарии шаби Қадр

Аммо фазилат ва бартарии шаби Қадр маълум аст. Худованди муттаъол дар Қуръони карим фармудааст:
**«Ин шаб аз ҳазор моҳ беҳтар аст».**
(Сураи Қадр, ояи 3)
Яъне намоз гузоридан ва зикр намудан дар ин шаб беҳтар аст аз намоз ва амали ҳазормоҳа.
Ин фазилати бузургест ва дигар фазилати ин шаб ин аст, ки сабаби омӯрзиши гуноҳҳо мебошад ва шахсе, ки аз хайру баракати он маҳрум гашт хайру баракати зиёдеро зоеъ кардааст. Аммо, амалҳое, ки дар он шаб бояд анҷом дод ин зиндадоштани он шаб аст. Паёмбар (с) мефармоянд:
***«Шахсе, ки шаби Қадрро аз рӯи имон ва ихлос зинда дорад гуноҳҳои гузаштаи ӯ омӯрзида мешаванд».***
Зиндадоштани ин шаб бо гузаронидани намоз ба қадри имкон мебошад. Шахсе, ки бо имом дар аввали шаб ва дар охири он, яъне бомдод намоз бигузорад, аз ҷумлаи шабзиндадорон маҳсуб мешавад. Аз Паёмбар (с) собит шудааст, ки шабе бо ёронаш намоз гузорид ва ҳангоме ки ними шабро низ боз мегаштанд ба он Ҳазрат (с) гуфтанд:
- Чӣ мешуд боқии шабро бо мо намоз мегузоридӣ (яъне имоматӣ мекардӣ). Он ҳазрат дар посух фармуданд:
***«Ба таҳқиқ шахсе бо имом намоз бигузорад, то ки имом аз намоз боз гардад, барои он шахс шабзиндадории ҳамон шаб навишта мешавад».***
Мурод аз шабзиндадорӣ бо «Имон ва ихлос», ки дар ҳадис омадааст ҳамин аст.
Имон доштан ба зинда доштани шаби Қадр ин бовар доштан, тасдиқ намудани фазли он ва бовар ба амалҳоест, ки дар он шаб машруъ гаштаанд. Монанди намоз, қироати Қуръон, дуъову зикри Худо.
Пас, барои мову шумо лозим аст, ки имон дошта бошем, ки Аллоҳ таъоло ба зинда доштани ин шаб амр карда, онро машруъ гардонида ва тарғибу ташвиқ намудааст. Пас, машруъияташ яқин аст ва имон ба он тасдиқ намудани амри Худованд аст, ки зиндадории он шаб аҷри зиёде дорад. Аммо, маънои иҳтисоб нияти холис ва тасдиқи қалб аст, тавре ки шакку тардид дар дил боқӣ намонад ва ин, ки намозашро холисона барои ризои Худованд бихонад на барои нишон

додани мардум ва мадҳу санои онҳо. Маънои шабзиндадорӣ аз рӯи имон ва ихлос ҳамин аст.
Аммо, оид ба омӯрзиши гуноҳҳо ҷумҳури уламо бар ин ақидаанд, ки гуноҳоеро маҳв мекунанд, ки сағира бошанд, аммо гуноҳони кабираро тавбаи насуҳ лозим аст, яъне тавба карда, аз гуноҳи кардааш ба пурррагӣ даст кашад ва пушаймон шавад. Гуноҳҳои сағира бошад ба анҷом додани амалҳое монанди рӯза ва шабзиндадорӣ омӯрзида мешаванд.

## Яқин будани пурсиши афв дар шабҳои даҳҳаи охир

Аз ҷумлаи амалҳое, ки дар ин шабҳо анҷом бояд дод ин эътироф намудани банда гуноҳҳои худро ва талаб намудани афв аз даргоҳи Худованд аст. Дар ҳадисе омадааст, ки Оиша (р) аз Паёмбар (с) пурсид, ки эй Паёмбари Худо, агар шаби Қадрро дарёфтам чӣ гӯям?
Паёмбар (с) фармуданд:
***«Бигӯ, эй бори Худоё! Ту бахшандаи ва бахширо дӯст медорӣ, пас маро бубахш».***
Афв гузашт аз гуноҳҳо аст ва маънояш талаби пузиши гуноҳҳо, аз байн бурдани онҳо ва нобудсозии асароти онҳост. Ин далел бар он аст, ки инсон ҳарчанд амали зиёд ва корхои нек анҷом диҳад, таксир ва кутоҳӣ дар ӯ вуҷуд дорад, бинобар ин талаби афв мекунад ва мегӯяд:
-Эй Парвардигори ман маро бубахш, ман аз ту бахшиш мепурсам. Дуъоҳои зиёде дар мавриди пурсиши афв ворид шудаанд, аз ҷумлаи онҳо дуъои Паёмбар (с) аст, ки мефармоянд:
***«Эй бори Худоё, ба таҳқиқ май аз бахшиш саломатии дин ва дунёамро металабам».***
Баъзе аз саҳобаҳои киром (с) дуъо карда, чунин гуфтаанд:
- Эй бор Худоё! аз мо розӣ шав агар аз мо розӣ нашавӣ, пас моро бубахш. Бархе дигари аз эшон чунин мегуфтанд:
-Эй Парвардигор! Бандаи ту ба наздат омад дар ҳоле, ки гуноҳ ва хато кардааст, Парвардигорро ӯро бубахш ва саломат нигоҳаш дор, ҳар оина ту беҳтарин бахшанда хастӣ.
Монанди ин гуфтаҳо зиёданд ва далолат бар он мекунанд, ки ҳарчанд инсон амали зиёд намояд, мақсад ва ҳадафи ӯ талаб намудани бахшиш ва гузашт аз гуноҳҳояш аст. Тавре, ки дар ояти карима мехонем:

Каломи Худованд:
**«Буданд бо ин сифат, ки андаке аз шаб хоб мекарданд ва ба вақти саҳар эшон талаби омӯрзиш мекарданд».**
(Сурай Зориёт, ояхои 17-18)
Инсон гоҳҳо дар ҳайрат мемонад, ки аз чӣ талаби омӯрзиш мекунанд? Оё аз шабзиндадорӣ ва намозу таҳаҷҷуд хонданашон истиғфор мекунанд? Тамоми шабро бо намоз обод мекунанд баъд аз он дар охири шаб ба талаби омӯрзиш мепардозанд, монанди ин ки эшон гунаҳкоранд ва тамоми шаб ба кори гуноҳ машғул буданд. Ин аст ҳоли бандагоне, ки аз азоби қиёмат меҳаросанд ва барои кӯтоҳию гуноҳи хеш аз Худованд талаби омӯрзиш мекунанд. Баъзе аз асҳоби киром (р) мегуфтанд:
-Аз Худованд омӯрзиш металабам аз рӯзаву намозе, ки мегузорам, рӯзаи гирифтаам пур аз хатост ва намозам чӣ гуна намоз аст?
Эшон аз корҳои неки худ талаби омӯрзиш мекарданд, зеро ба ин бовар буданд, ки албатта дар он амалҳо халале ё кӯтоҳие вуҷуд дорад. Бинобар ин мустаҳаб аст, ки инсон ҳамаи амалҳояшро бо истиғфор (яъне талаби омурзиш) ҳатм намояд, хусусан дар ин шабҳо.

## Хатм намудани амалҳо бо тавбаву истигфор

Дар ҳадиси ривоят кардаи Салмон (р) фармудаи он ҳазрат (с) ворид шудааст: «Дар ин моҳ чор амалро бештар анҷом диҳед: ду амалест, ки бо он ризои Парвардигоратонро ҳосил мекунед ва ду амали дигаре аст, ки шумо аз он бениёз буда наметавонед.
Аммо ду амале, ки ризои Худоро таввасути он ҳосил мекунед он зикри ло илоҳа иллаллоҳ ва истиғфор намудан аст ва аммо ду амали дигаре, ки шумо аз он бениёз буда наметавонед ин аст, ки аз Худованд ҷаннатро талабед ва аз оташи дӯзах ба Ӯ таъоло паноҳ баред».
Ин ҳадис ва аҳодиси монанди ин далел бар онанд, ки ҳар амалеро, ки анҷом медиҳем мақсади мо аз он ҳосил намудани афв ва бахшиши Худост, бинобар ин охири амали мо бояд истиғфор бошад, масалан агар тамоми шаб ибодат кунӣ ҳангоми саҳар бояд омӯрзиш талаб кунед, тавре ки Худованд мӯъминонро сутудааст:
**«Ва хангоми саҳар омӯрзиш металабанд».**

(Сураи Зориёт, ояи 18)
Инчунин ҳар вақте ки монанди ин шабҳоро зинда медоред аз Худованд талаби бахшиш бояд кунед, зеро Аллоҳ (ч) бахшанда аст ва бахшандагонро дӯст медорад ва бахшандагӣ аз номҳо ва сифатҳои ӯст. Баъд аз маълум гаштани ин амал барои мову шумо бояд ҳар амале, ки анҷом медиҳем чи дар ин шабҳои бузург ва чи дар ғайри он бояд, ки онро бо тавбаву истиғфор ба поён расонем.
Худованд бандагони худро амр намудааст:
**«Моҳашонро (рамазонро) бо такбир ба поён расонанд ва мехоҳад, ки тамом кунед шуморро ва ба бузургӣ ёд кунед Худоро ба шукри он ки роҳ намуд шуморо ва то бошад, ки шумо шокир шавед»**
(Сураи Бакара, ояи 185)
Шояд шумо бигӯед, ки чӣ муносибате байни хатми рамазон бо такбир (ба бузургӣ ёд кардани Худо) вуҷуд дошта бошад баъд аз тамом шудани рӯзҳои моҳи муборак? Ҷавоб:
Худо доност. Инсон вақте ки Худовандро такбир мегӯяд бузургӣ, покӣ ва ҷалолати Ӯ дар дилаш ҳозир мешавад ва нисбат ба Ӯ нафси худ ва амалҳои худро дар мартабаи поён мебинад ва ба он намефахрад. Ба ҳамин тариқ инсон мавриди афву бахшиши Худованд қарор гирифта, гуноҳҳояш омӯрзида ва аҷру подоши зиёд насибаш мешавад. Пас, ҳар вақто дарёфтӣ, ки Парвардигорат лоиқу сазовори парастиш ва ҳамду саност ва Ӯро бо тамоми қувваву тавоноият парастиш кардӣ бо вуҷуди ин камтарин ҳаққи ӯро адо накардаӣ. Тавре ки баъзе аз саҳобаҳо (р) мегӯянд:
-Пок аст он зоте, ки агар саҷда кунем бо чашмонамон барои Ӯ дар болои хори тез ва бориктар аз сӯзан ба миқдори даҳяки неъматҳои ато кардаи Ӯ намерасем.
Пас, ҳангоме ки рӯза ва шабзиндадориамонро ба поён расонидем дармеёбем, ки Парвардигори мо аз ҳама бузург аст ва Ӯ сазовори парастиш ва ибодат аст.
Чуноне ки шоире фармудааст:
**Ман бе ту даме қарор натвонам кард,**
**Эҳсони туро шумор натвонам кард.**
**Гар ба тани ман забон шавад ҳар мӯе,**
**Як шукри ту аз ҳазор натвонам кард.**

Дар ҳадис ворид шудааст, ки ҳазрати Муҳҳамад (с) фармуданд:

***«Касе аз шумо нагӯяд, ки ҳамаи рамазонро рӯза гирифтам ва ҳамаи рамазонро зиндадоштам».***
Ровии ҳадис мегӯяд:
-Ман надонистам, ки мақсади он ҳазрат (с) баён доштани поксозии нафс буд ё ногузир будан халал дар рӯза ва зиндадоштани он ва ҳардуи он ҳақ ҳастанд, зеро инсон аз ситоиши нафси худ манъ шудааст Худованд мефармояд:
**«Пас ситоиш накунед хештанро»**
Боз мефармояд:
**«Оё надидӣ ба сӯи касоне, ки ситоиш мекунанд худро, балки Худо ситоиш мекунад ҳар киро хоҳад».**

## Бар ҳазар будан аз фахр ва ситоиши нафс

Ситоиши нафс ба маънии мадҳи он ва бардоштани инсон мартабаи худ ва фахр намудан ба амалҳояшро мегӯянд.
Гоҳҳо фахр намудан сабаби рад гардидани амал мешавад. Пас, ба мову шумо лозим аст, ки нафсҳоямонро дар баробари бузургии Худо ҳақир шуморем онро маломат кунем ва амалҳоямонро ҳақир ва ночиз шуморем, то ин ки ин хислат моро ба зиёд амал намудан во дорад. Ҳаргиз ба амале, ки анҷом медиҳед фахр накунед. Нагӯед, ки ман намоз гузоридам, ман шабзиндадорӣ намудам, ман намози таҳаҷҷуд хондам, ман Қуръон тиловат кардам, ман... зеро ҳамаи ин фахри шумо сабаби рад шудани аъмолат аз даргоҳи Худованд мегардад. Ҳамаи он чизе, ки зикр кардем аз ҷумлаи масоиле мебошад, ки бар мусалмонон амал намудан ва аҳамият додан ба онҳо воҷиб аст. Аз Худованд талаб дорам, ки мову шуморо аз ҷумлаи қабулшудагон ва аз ҷумлаи муваффақшудагон бар амали нек гардонад, ва аз он чӣ сабаби ғазаби Ӯ мегардад моро ҳифз намояд ва мусалмононро муттаҳид ва ҳамбаста гардонида амали неке, ки Ӯ таъоло дӯст медорад ва ризо мегардад насибамон кунад ва Худованд худ донотар аст.
Дуруду саломи бепоён бар Паёмбари Худо ва олу асҳоби Ӯ бод!

## Мундарича


| | |
|---|---|
| Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим | ..................3 |
| Пешгуфтор | ..................3 |
| Шаби Қадр кадом аст? | ..................5 |
| Ба номи он ки ҳастӣ ном аз Ӯ ёфт? | ..................9 |
| Фазилати рӯзҳо ва шабҳои моҳи Рамазон | ................10 |
| Он чи дар даҳ рӯзи охири рамазон мустаҳаб аст | .............. 11 |
| Зиндадоштани шабҳо дар даҳ рӯзи охири Рамазо | ................12 |
| Қишрҳои гуногуни мардум дар зиндадории шабҳои даҳҳаи охир | ................12 |
| Зиндадоштани шаб бо тиловати Қуръон | ................15 |
| Ҷаҳду кӯшиш дар даҳҳаи охири Рамазон | ................21 |
| Мустаҳаботи даҳҳаи охир | ................23 |
| Эътикоф дар даҳҳаи охири рамазон | ................25 |
| Лайлатулқадр сабаби бартарии ин шабҳо | ................27 |
| Суханони аҳли илм дар таъйини шаби Кадр | ................28 |
| Бартарии шаби Қадр | ................30 |
| Яқин будани пурсиши афв дар шабҳои даҳҳаи охир | ................33 |
| Хатм намудани амалҳо бо тавбаву истиғфор | ................35 |

Бар ҳазар будан аз фахр ва ситоиши нафс ............... 40